Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# САДОИ МАРДУМ

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 149 (4569) | ҶУМЪА, 2 ДЕКАБРИ СОЛИ 2022 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## НОМАИ ҲАМДАРДӢ

**30-юми ноябри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Раиси Ҷумҳурии Халқии Хитой муҳтарам Си Ҷинпин номаи ҳамдардӣ ирсол намуданд, ки дар он омадааст:**



**«Муҳтарам ҷаноби Раис!**

Хабари даргузашти сиёсатмадор ва ходими шоистаи давлатӣ, собиқ Раиси Ҷумҳурии Халқии Хитой Тсзян Тсземин боиси андуҳи амиқи мо гардид.

Ҷаноби Тсзян Тсземин бо фаъолияти доманадору сермаҳсулаш дар мансабҳои гуногуни баланду муҳими давлатӣ хусусияту муҳтавои як давраи комили рушди Ҷумҳурии Халқии Хитойро таҷассум намуда, дар дохили кишвар ва берун аз он соҳиби иззату эҳтиром ва обрӯву эътибори баланд гардида буд.

Ҷониби Тоҷикистон нақши шодравонро дар роҳандозӣ ва таҳкиму тавсеаи равобити дӯстӣ, ҳусни ҳамҷаворӣ ва ҳамкориҳои судманди Тоҷикистону Хитой қадрдонӣ менамояд ва ба шахсияти ӯ сидқан эҳтиром мегузорад. Ба шарофати талошҳои пайвастаи ӯ муносибатҳои созандаи ҳар ду кишвари дӯст ҳамаҷониба густариш ёфта, ба сатҳи сифатан нав бардошта шуданд. Мулоқоту тамосҳои сермаҳсули худро бо ҷаноби Тсзян Тсземин бо некӣ дар ёд дорам.

Дар иртибот ба ин мусибати гарон ҳамдардӣ ва таъзияву тасаллияти самимии ин ҷонибро ба Шумо, муҳтарам ҷаноби Раис, мардуми дӯсти Хитой ва ҳамаи наздикону пайвандони марҳум иброз менамоям».

## КУМАКИ БАШАРДӮСТОНА БА МАРДУМИ ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ПОКИСТОН

**Бо супориши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дуюми декабри соли 2022 ба мардуми Ҷумҳурии Исломии Покистон, ки дар натиҷаи офатҳои табиӣ, селу обхезиҳои шадиди моҳҳои охир хисороти зиёди ҷонию иқтисодӣ дидаанд, кумаки навбатии башардӯстона фиристода шуд.**

Вобаста ба буҳрони шадиди иқтисодию иҷтимоӣ, талафати ҷонӣ, норасоии маҳсулоти ғизоӣ, вазъи мураккаби эпидемиологӣ ва афзоиши хуруҷи бемориҳои сироятӣ дар байни зарардидагони офатҳои табиӣ дар Ҷумҳурии Исломии Покистон бо супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фармоиши Комиссияи давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулода қабул гардида, дар асоси он ба мардуми Ҷумҳурии Исломии Покистон кумаки башардӯстона ҷудо карда шуд.

Кумаки башардӯстона аз маҳсулоти ғизоӣ, сӯзишворӣ, масолеҳи сохтмонӣ ва маводи зарурии санитарию шустушӯӣ дар ҳаҷми наздик ба 5000 тонна, аз ҷумла 300 тонна орд, 20 ҳазор литр равғани рустанӣ, 100 тонна гандуми истеъмолӣ, 100 тонна биринҷу макарон, 500 тонна оби нӯшокӣ, 1500 тонна ангиштсанг, 2000 тонна семент, 5000 ҳазор дона шифер, 100 метри мукааб тахта ва беш аз 40 тонна собуни хоҷагӣ иборат буда, маблағи он 19 миллиону 200 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Тибқи дастури Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, сохторҳои дахлдори мамлакат барои то қаламрави Ҷумҳурии Исломии Покистон расонидани кумаки ҷудогардидаи башардӯстона вазифадор карда шуданд.

**www.president.tj**

## ҚАРОРИ
### РАИСИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи даъват намудани ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Мутобиқи моддаи 27 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва банди 33 Дастури Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунам:**

Ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 16-уми декабри соли 2022, соати 09⁰⁰ дар шаҳри Душанбе даъват карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 1-уми декабри соли 2022, № 25**

## ҚАРОРИ
### РАИСИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи даъват намудани Иҷлосияи дувоздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум**

Мутобиқи моддаи 52 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 24 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» **қарор мекунам:**

Иҷлосияи дувоздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум 16-уми декабри соли 2022, соати 10⁰⁰ дар шаҳри Душанбе даъват карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 1-уми декабри соли 2022, № 26**

## ИТТИЛОИЯ

Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ медиҳад, ки дар Иҷлосияи дувоздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум баррасии Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон»,«Дар бораи ҷовидон гардонидани хотираи ҳалокшудагон ҳангоми ҳифзи Ватан» ва «Дар бораи савдои электронӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва дигар қонунҳои қабулнамудаи Маҷлиси намояндагон, инчунин пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти маъмуриву ҳудудии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назар дошта шудааст.





# ИШТИРОКИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР МАҶЛИСИ КУМИТАИ ИҶРОИЯИ МАРКАЗИИ ҲХДТ

**30-юми ноябри соли 2022 дар шаҳри Душанбе маҷлиси Кумитаи иҷроияи марказии Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон баргузор гардид, ки дар кори он Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иштирок ва суханронӣ карданд.**

Дар маҷлис аъзои Раёсат ва Кумитаи иҷроияи марказии Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон, Фраксияи Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбарони як қатор сохтору идораҳои дахлдор, кормандони масъули Дастгоҳи Кумитаи иҷроияи марказии ҲХДТ, роҳбарони кумитаҳои иҷроияи ҳизб дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, намояндагони воситаҳои ахбори оммаи ҳизбӣ ва аъзои фаъоли ҲХДТ ширкат варзиданд.

Дар маҷлис ҷараёни иҷрои қарорҳои анҷуманҳои 13 ва 14-уми Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон ва вазифаҳои ташкилотҳои ҳизбӣ дар марҳилаи минбаъда мавриди баррасӣ қарор гирифта, ба ҳайати аъзои Кумитаи иҷроияи марказии ҲХДТ тағйирот ворид карда шуд.

Зимни суханронӣ Раиси ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид карданд, ки феълан мо дар шароити мураккаб қарор дорем. Бархӯрди манфиатҳои абарқудратҳо барои аз нав тақсим кардани ҷаҳон ва дастёбӣ ба захираҳои табиӣ, мусаллаҳшавии бошитоб, оғози марҳилаи нави «ҷанги сард», шиддат гирифтани мубо񁫁ризаҳои иттилоотӣ ва ҷиноятҳои киберӣ, инчунин, тағйирёбии иқлим ва оқибатҳои вобаста ба он, паҳншавии бемории сироятӣ ва мушкилоти дигар зиндагии сокинони сайёраро ба давраи сангинтарин дар таърихи қариб садсолаи инсоният рӯ ба рӯ кардаанд.

- Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии сокинони Тоҷикистон нақши муассир дошта, дар ташаккули фарҳанги сиёсӣ ва худшиносиву худогоҳии мардум нақши сазовор мегузорад. Вазифаҳои асосии ҳизби мо дар марҳилаи нави рушди ҷомеа ва давлат дар барномаҳои пешазинтихоботии он, қарорҳои анҷуманҳои сездаҳум ва чордаҳум, ки самтҳои муҳимтарини рушди мамлакатро то соли 2027 дар бар мегиранд, мушаххас гардидаанд, - иброз доштанд Раиси ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Ба таъкиди Раиси ҲХДТ рисолат ва мазмуну моҳияти барномаҳои Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон рушди устувори Тоҷикистони соҳибистиқлол, ободу пешрафта ва аз лиҳози сиёсӣ ва иқтисодиву иҷтимоӣ босубот мебошад. Ишора шуд, ки кумитаҳои иҷроияи ҳизб якҷо бо сохторҳои ваколатдори соҳаҳои гуногун ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати фароҳам овардани ҷойҳои нави кор ва зина ба зина беҳтар кардани шароити зиндагии аҳолӣ тадбирҳои зарурӣ андешида, ҳалли масъалаҳои иҷтимоиро дар маркази диққат қарор дода, дар таъсиси инфрасохтори иҷтимоӣ, беҳсозии вазъи муассисаҳои таълимӣ, беҳтар гардонидани шароити оилаҳои серфарзанд, ҷудо кардани кумакҳои иловагӣ ба ятимону маъюбон ва дигар гурӯҳҳои осебпазири ҷомеа мусоидат менамоянд.

Аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар таъкид гардид, ки бо мақсади боз ҳам густариш бахшидани корҳо аъзои Фраксияи ҳизбро дар Парлумони мамлакат зарур аст ҳамкориро бо кумитаҳои иҷроияи ҳизб дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо тақвият бахшида, донишу малака ва маҳорату таҷрибаро ба хотири амалӣ кардани барномаҳои ҳизб ва татбиқи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» равона созанд.

Иттилоъ дода шуд, ки алҳол шумораи ташкилотҳои ибтидоии ҳизбӣ 6577 ва аъзои он 517 ҳазору 388 нафарро ташкил медиҳад.

Дар идомаи маҷлис аз ҷониби Раиси ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фаъолияти сохторҳои ҳизбӣ барои давраи сипаришуда ва вазифаҳо барои соли оянда мушаххас гардиданд.

Ба кумитаҳои иҷроияи ҳизб дастур дода шуд, ки вобаста ба масъалаҳои дохилиҳизбӣ, хусусан татбиқи низомномаҳо, талаботи оинномаву барномаҳо, қабули сифатноки аъзои ҳизб, сари вақт баргузор кардани маҷлисҳои кумитаҳои иҷроия ва ташкилотҳои ибтидоӣ, иштироки фаъолона дар маъракаҳои сиёсӣ, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи ҳизбӣ ба тариқи озмун, риояи «Одобномаи корманди ҲХДТ ва беҳбуд бахшидани шароити корӣ» чораҷӯӣ намоянд.

Ҳамчунин, ташкилотҳои ибтидоии ҳизбӣ дар маҳалҳо вазифадор гардиданд, ки корҳои таблиғотиву ташвиқотиро дар самти амалигардонии ҳадафҳои барномавии Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон вусъат бахшида, мардуми кишварро барои истиқболи арзандаи ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ сафарбар намоянд ва худашон дар ин самт ташаббускору фаъол бошанд.

Инчунин, дар маҷлис раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Зунайда Раҷабова, омӯзгори Коллеҷи омӯзгории ноҳияи Лахш Мадина Раҷабова, роҳбари қабулгоҳи ҷамъиятии Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия Саидбек Мирзомуддинов, роҳбари хоҷагии деҳқонии «Имоми Аъзам»-и ноҳияи Кӯшониёни вилояти Хатлон Маҳмадисо Қурбонов ва директори генералии Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Фаровон-1»-и шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд Исроилхӯҷа Самандаров баромад карданд.

Аз рӯи ин масъала қарори маҷлис қабул карда шуд.

Ҳамин тариқ, дигар масъалаҳои рӯзномаи маҷлис, аз ҷумла ворид кардани тағйирот ба ҳайати аъзои Кумитаи иҷроияи марказии ҲХДТ аз ҷониби аъзои Кумитаи ҲХДТ, баррасӣ гардида, қарорҳои дахлдор қабул шуданд.

Дар идомаи маҷлис масъалаҳои кадрӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Бо сабаби ба кори дигар гузаштанаш Бахтиёр Ҳамдамов аз вазифаи сармуҳаррири нашрияи марказии ҲХДТ «Минбари халқ» озод шуда, Рауфзода Суҳроб Холмурод ба вазифаи сармуҳаррири рӯзнома интихоб гардид.

Дар ҷамъбасти кори маҷлиси Кумитаи иҷроияи марказии Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон Раиси ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин иброз доштанд: «Ҳар як узви ҳизб барои татбиқи вазифаҳои стратегии Давлату Ҳукумат, такмил додани низоми қонунгузорӣ, таҳкими сулҳу ваҳдати миллӣ, вусъат додани ғояҳои созандаи ватандӯстона ва тақвият бахшидани худшиносӣ ва худогоҳӣ саҳми босазо мегузоранд ва ҳамеша дар хотир дошта бошем, ки узви Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон будан ҳам ифтихору шараф ва ҳам масъулияти бузург дар назди халқу Ватан ва сарнавишти ҷомеаи демократӣ, дунявӣ ва ҳуқуқбунёди Тоҷикистони соҳибистиқлоли мост».

**www.president.tj**

Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум

# БУҶЕТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2023 ҚАБУЛ ШУД

**Якуми декабри соли 2022 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум баргузор гардид.**



**РАИС: - Муҳтарам вакилон!**

Хоҳиш мекунам, аз қайд гузаред.

Ҳоло дар толор 57 вакил ҳузур доранд.

Мутобиқи моддаи 34 - уми Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро кушода эълон менамоям.

**Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Дар ҷаласа вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода, вазири энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон Далер Ҷумъа, вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ширин Амонзода, раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода, сардори Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Хуршед Каримзода, директори Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилмурод Давлатзода, мушовири бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ Содиқ Шоназаров, муовини якуми вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷамшед Каримзода, муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Юсуф Маҷидӣ, муовини вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Фарҳод Восидиён, муовини якуми раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Хуршед Мирзо, муовини раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Каъбатулло Меликзода, муовини раиси Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзалӣ Аҳмадзода, муовини директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Сулаймон Талбакзода ва дигар шахсони даъватшуда иштирок доранд.

**Вакилони арҷманд!**

Ба рӯзномаи ҷаласа шаш масъала пешниҳод шудааст.

Доир ба он таклифу пешниҳоди дигар доред? Нест.

Лоиҳаи қарорро ба овоз монда, хоҳишмандам мавқеатонро муайян намоед.

*Дар бораи рӯзномаи ҷаласа бо фарогирии масъалаҳои зерин Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид:*

**1. «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023» ва дурнамои нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ барои солҳои 2024-2025»**

**2. «Дар бораи лоиҳаи «Барномаи қарзгирии берунаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023» ва дурнамои нишондиҳандаҳои он барои солҳои 2024-2025»**

**3. «Дар бораи дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023 ва давраи миёнамуҳлат»**

**4. «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гаравхона (ломбард)»**

**5. «Дар хусуси Созишномаи грантӣ (амалиёти махсус) байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки осиёии рушд оид ба лоиҳаи «Обтаъминкунӣ ва санитарияи шаҳри Душанбе - маблағгузории иловагӣ»**

**6. «Дар хусуси Созишнома оид ба маблағгузорӣ (Барномаи дастгирии энергетикаи устувор дар Тоҷикистон) байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо».**

**(Давомаш дар саҳ. 2 - 3)**

# БУҶЕТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2023 ҚАБУЛ ШУД

**(Идома аз саҳ. 1 - 2)**

Мақсади асосии барнома баланд бардоштани самаранокӣ ва мониторинги мунтазами раванди ҷалби қарзҳои хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин роҳ надодан ба ҷамъшавии назоратнашавандаи қарзи беруна мебошад, ки дар талаботи зерини Стратегияи идоракунии қарзи давлатӣ инъикос гардидааст, аз ҷумла:



- маҳдудияти ниҳоии қабули ухдадориҳо оид ба ҷалби қарзҳои давлатҳои хориҷӣ ва қарзҳои созмонҳои байналмилалии молиявӣ аз рӯи лоиҳаҳои банақшагирифташудае, ки аз буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешаванд;

- ҷалби қарзҳо барои маблағгузории хароҷоти лоиҳаҳои амалишаванда бо мақсади ба анҷом расонидани онҳо;

- мутамарказонидани захираҳои қарзӣ барои амалисозии лоиҳаҳои банақшагирифташудаи азими инфрасохтории дорои аҳамияти стратегии умумидавлатӣ, ки ҷиҳати татбиқи онҳо қарорҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудаанд.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон дар хулосаҳояшон лоиҳаи барномаро ҷонибдорӣ карда, 5 таклиф пешниҳод намуданд, ки аз онҳо 4-тоаш қабул ва 1-тоаш қабул нашуд.

Дар ҷаласаи васеи кумита 23-юми ноябри соли 2022 лоиҳаи барномаи зикргардида бо иштироки намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифта, аз ҷониби иштирокчиёни ҷаласа ҷонибдорӣ карда шуд.

Лоиҳаи барнома ба моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қарзгирии давлатӣ ва қарзе, ки аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад» ва моддаҳои 22 ва 27 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мутобиқ мебошад.

Аз шумо, вакилони гиромӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи лоиҳаи «Барномаи қарзгирии берунаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023» ва дурнамои нишондиҳандаҳои он барои солҳои 2024-2025» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС: -** Ба баррасии масъала «Дар бораи дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023 ва давраи миёнамуҳлат» шурӯъ менамоем. Сухан ба раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода дода мешавад. Марҳамат.

**Ҳоким ХОЛИҚЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Мушкилиҳои ҷойдошта дар ҷаҳон, аз қабили коста гардидани занҷираи таъминоти молу маҳсулот ва ноором гардидани вазъи геосиёсӣ дар минтақа ба раванди молиявию иқтисодии тамоми кишварҳо таъсири манфӣ расонида истодааст. Иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи иқтисодиёти ҷаҳон ба тағйирёбии вазъи молиявию иқтисодӣ ва сатҳи нархҳои ҷаҳонӣ вобаста мебошад.

Дар соли ҷорӣ, тибқи таҳлилҳо, он омилҳое, ки ба раванди ташаккулёбии сатҳи таваррум дар дохили ҷумҳурӣ бештар таъсир мерасонанд, асосан хусусияти ғайримонетарӣ дошта, дар натиҷаи болоравии сатҳи нархҳои ҷаҳонии маҳсулоти хӯрокворӣ ва сӯзишворӣ ба вуҷуд омадаанд.

Новобаста ба ин мушкилиҳо, Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади нигоҳ доштани сатҳи муътадили нархҳо тавассути истифодаи фишангҳои монетарӣ дар доираи ваколатҳояш чораҳои заруриро андешида истодааст.

Моҳҳои январ - октябри соли ҷорӣ дар ҳамбастагии фаъолияти вазорату идораҳои дахлдор ва бо дастгирии бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иқтисодиёти кишвар тамоюли рушди мусбатро идома дода, муътадилии сатҳи нархҳо таъмин карда шуд.

Дар ин давра рушди воқеии Маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар 8 фоизро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1 банди фоизӣ кам мебошад.

Рушди иқтисодиёт бештар аз ҳисоби афзоишёбии хизматрасониҳои пулӣ 16,1 фоиз, соҳаи саноат - 15,9, сохтмон - 14,5, гардиши савдои чакана - 11,2 ва кишоварзӣ 7,7 фоиз таъмин гардид.

Ҳаҷми гардиши савдои хориҷӣ дар моҳҳои январ-октябри соли ҷорӣ 6,0 миллиард доллари ИМА-ро ташкил дод, ки он нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 19 фоиз зиёд мебошад.

Тибқи «Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2022 ва давраи миёнамуҳлат», дар назди низоми бонкӣ вазифаҳои муҳим ҷиҳати татбиқи босамари сиёсати пулию қарзӣ, таъмини муътадилии сатҳи нархҳо ва қобилияти харидории пули миллӣ, беҳтар кардани вазъи молиявии ташкилотҳои қарзӣ, вусъат бахшидани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва таъмини суботи молиявӣ гузошта шуда буданд.

Дар 10 моҳи соли ҷорӣ сатҳи таваррум ба 3,5 фоиз баробар гардид, ки асосан аз ҳисоби болоравии нархи маҳсулоти хӯрокворӣ 4,1 фоиз, молҳои ғайрихӯрокворӣ -3,0 фоиз ва арзиши хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ 2,6 фоиз ба вуқӯъ пайваст. Нишондиҳандаи мазкур нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 2,8 банди фоизӣ паст мебошад.

Болоравии назарраси сатҳи нархҳо асосан дар моҳи март ба қайд гирифта шуда, 1,7 фоизро ташкил дод. Дар моҳҳои баъдӣ сатҳи таваррум тамоюли афзоишёбии муътадил дошта, дар моҳҳои август ва сентябр коҳишёбии нархҳо ба назар расид. Яке аз сабабҳои асосии коҳишёбии сатҳи нархҳо дар давраи зикршуда ҷамъоварии ҳосили фаровони маҳсулоти кишоварзӣ, муътадил шудани нархҳои ҷаҳонии маҳсулоти хӯрокворӣ ва устувор гардидани қурби пули миллӣ нисбат ба асъори хориҷӣ мебошад.

Таварруми солона (дар 12 моҳи охир) дар моҳи октябри соли ҷорӣ ба 5,2 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли қаблӣ 3,5 банди фоизӣ кам мебошад. Раванди тағйирёбии сатҳи нархҳо бештар дар натиҷаи таъсири омилҳои мавсимӣ, таклифотӣ ва фишорҳои берунӣ ба амал омад.

Тибқи дурнамои сиёсати пулию қарзӣ нишондиҳандаи мақсадноки сатҳи таваррум барои соли 2022 дар доираи 6,0 (+/-2 банди фоизӣ) фоиз пешбинӣ гардида буд. Бо дарназардошти вазъи ҷорӣ дар соли 2022 сатҳи таваррум на зиёда аз 6,0 фоиз ҷамъбаст хоҳад гардид.

Меъёри бозтамвил дар татбиқи реҷаи ҳадафгирии таваррум ҳамчун фишанги калидии механизми трансмиссионии канали фоизӣ барои анҷом додани амалиёти монетарӣ, дар асоси дурнамои таъсири хавфҳои эҳтимолии дохилию берунӣ ба иқтисодиёт, бо назардошти дар сатҳи ҳадафи муқарраргардида қарор доштани сатҳи таваррум ва нисбатан беҳтар шудани интизориҳои таваррумии аҳолӣ, аз 1 ноябри соли ҷорӣ 0,5 банди фоизӣ паст карда шуда, дар сатҳи 13,0 фоизи солона муқаррар шуд.

Баҳри танзим намудани ҳаҷми пул дар муомилот, идоракунии самараноки сатҳи пардохтпазирии бонкҳо, коҳиш додани фишорҳои таваррумӣ ва қурбӣ, рушди низоми молиявӣ ва бозори аввалияи коғазҳои қиматнок дар ин давра аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон фурӯши коғазҳои қиматнок ва ҷалби амонатҳои шабонарӯзӣ [овернайт] амалӣ гардид.

Ба интиҳои моҳи октябри соли 2022 ҳаҷми пулҳои захиравӣ ҳамчун нишондиҳандаи амалиётӣ дар давраи гузариш ба реҷаи ҳадафгирии таваррум 36,5 миллиард сомонӣ ва ҳаҷми пули нақд дар муомилот 32,3 миллиард сомониро ташкил дод, ки нисбат ба аввали сол мувофиқан 45,1 фоиз ва 46,3 фоиз зиёд мебошад.

Дар ин давра афзоиши нишондиҳандаҳои мазкур асосан дар натиҷаи нисбатан вусъатёбии равобити тиҷоратӣ, фаъолнокии иқтисодиёт, афзоиши даромаднокии аҳолӣ ва ташкилотҳои қарзӣ, инчунин зиёд гардидани эътимоди аҳолӣ ба пули миллӣ бинобар устувор гардидани он нисбат ба асъори озод табдилшаванда ба амал омад.

Бонки миллии Тоҷикистон дар соли ҷорӣ сиёсати қурбиро дар реҷаи «шинокунандаи танзимшаванда, бе муайян ва эълон кардани ҳудудҳои тағйирёбии қурб» идома дод.

Бо мақсади коҳиш додани фишорҳои қурбӣ дар бозори дохилии асъор 9-уми марти соли 2022 тасҳеҳи (коррексияи) якдафъаинаи қурби расмии доллари ИМА ба андозаи 15 фоиз ва бо мақсади қонеъ намудани талаботи норасоии асъор дар бозори байнибонкӣ мудохилаи асъорӣ ба маблағи 65 миллион доллари ИМА анҷом дода шуд.

Инчунин, ҷиҳати нигоҳ доштани устувории қурби пули миллӣ нисбати асъори хориҷӣ Бонки миллии Тоҷикистон тартиби истифодаи асъори хориҷиро дар муомилот пурра зери назорат гирифт.

Бонки миллии Тоҷикистон дар соли 2023 ва давраи миёнамуҳлат ҷиҳати ноил гардидан ва муътадил нигоҳ доштани сатҳи нархҳои дохилӣ сиёсати пулию қарзиро дар доираи ваколатҳояш бо истифода аз механизму фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ роҳандозӣ менамояд.

Дар соли 2023 ва давраи миёнамуҳлат (солҳои 2024 ва 2025) ҳадафи таваррум дар доираи 6,0 фоиз (±2 банди фоизӣ) пешбинӣ мешавад.

Интизор меравад, ки дар соли 2023 таъсири омилҳои берунае, ки асосан хусусияти ғайримонетарӣ дошта, ба болоравии сатҳи таваррум дар дохили кишвар бештар таъсир мерасонанд, боқӣ хоҳанд монд.

Дар шароити номуайянии иқтисодиёти ҷаҳон пешгирии омилҳои берунӣ ва хавфҳои қурбию таваррумӣ бо мақсади таъмин намудани муътадилии сатҳи нархҳои дохилӣ, мониторинги пайвастаи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва пешгирии дигар омилу хавфҳои берунӣ зарур мебошад.

Бинобар ин, дар соли 2023 ва давраи миёнамуҳлат Бонки миллии Тоҷикистон бо назардошти хавфҳо ва фишорҳои эҳтимолии таваррумӣ дар доираи ваколатҳояш имкониятҳоро барои нигоҳ доштани сатҳи муътадили нархҳои дохилӣ дар давраи дарозмуҳлат бо истифода аз механизму фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ равона хоҳад кард.

Меъёри бозтамвил ҳамчун фишанги калидии сиёсати пулию қарзӣ вобаста ба вазъи макроиқтисодии кишвар самаранок истифода гардида, андозаи воқеии он, бо назардошти интизориҳои таваррумӣ муқаррар карда мешавад.

Дар соли 2023 ва давраи миёнамуҳлат сиёсати қурбӣ ба реҷаи «шинокунандаи танзимшаванда, бе муайян ва эълон кардани ҳудудҳои тағйирёбии қурб» асос ёфта, қурби расмии сомонӣ нисбат ба асъори хориҷӣ дар асоси талабот ва пешниҳод дар бозори дохилии асъор муқаррар карда мешавад. Бонки миллии Тоҷикистон тибқи реҷаи мазкур танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ ба бозори дохилии асъор дахолат хоҳад кард.

Бо назардошти таъсири хавфҳои эҳтимолии ҷойдошта ва бетағйир мондани дигар омилҳо, дурнамои сатҳи таваррум барои соли 2023 аз рӯи сенарияҳои оптимистӣ ва базавӣ дар доираи ҳудуди болоии ҳадафи муқарраршуда пешбинӣ мегардад.

Бонки миллии Тоҷикистон баҳри иҷрои саривақтии дастуру вазифаҳое, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баён доштанд, бо назардошти идомаи ислоҳот барои гузариш ба реҷаи ҳадафгирии таваррум ҷиҳати муътадил нигоҳ доштани сатҳи таваррум ва мусоидат ба рушди устувори иқтисоди миллӣ тадбирҳои заруриро роҳандозӣ менамояд.

Баҳри татбиқи самараноки сиёсати пулию қарзӣ дар соли оянда бо мақсади таҳкими механизми таъсирбахши сиёсати фоизӣ ва бартараф намудани мушкилиҳои дар ин самт ҷойдошта андешидани чораҳои зерин ба нақша гирифта шудааст:

- гузаронидани ислоҳот ҷиҳати рушди бозори байнибонкии пул бо мақсади зиёд намудани таъсирбахшии воситаҳои сиёсати пулию қарзӣ;

- идомаи ислоҳот баҳри таъмини рушд ва устувории низоми бонкии кишвар;

- идомаи ҳамкорӣ бо созмонҳои бонуфузи молиявии байналмилалӣ барои такмили моделҳои сохтории Бонки миллии Тоҷикистон, таҳкими раванди таҳлилу тадқиқот ва баҳодиҳии нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ;

- дар ҳамбастагӣ бо вазорату идораҳои дахлдор ва шариконии рушд идома додани татбиқи босамари «Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026» ва «Стратегияи рушди низоми пардохти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2025».

Лоиҳаи «Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023 ва давраи миёнамуҳлат» барои Бонки миллии Тоҷикистон ҳуҷҷати стратегӣ ва муҳим ба ҳисоб меравад.

Аз шумо бо арзи эҳтиром хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС: -** Аз рӯи масъала сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба иқтисод ва молия Азиз Гиёзода дода мешавад. Марҳамат.

**Азиз ГИЁЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

«Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023 ва давраи миёнамуҳлат» аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Дурнамои мазкур мутобиқи моддаҳои 4 ва 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» таҳия гардида, самтҳои асосии сиёсати пулию қарзиро барои соли 2023 ва давраи миёнамуҳлат муайян менамояд.

«Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023 ва давраи миёнамуҳлат» самтҳои асосии ташкили механизми самараноки таҳия ва татбиқи сиёсати пулию қарзӣ, гузариш ба реҷаи ҳадафгирии таваррум ва таъмини шаффофиятро бо назардошти коҳишдиҳии хавфҳои ҷойдошта дар бар гирифта, баҳри ноил шудан ба нишондиҳандаи мақсаднок равона мегардад.

Дар соли 2023 ва давраи миёнамуҳлат (солҳои 2024 ва 2025) ҳадафи таваррум дар доираи 6,0 фоиз (±2 банди фоизӣ) пешбинӣ карда мешавад.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон дурнамои зикргардидаро ҷонибдорӣ намуданд.

Он ба моддаҳои 4 ва 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» мутобиқ мебошад.

Хоҳиш менамоям, ки ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023 ва давраи миёнамуҳлат» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гаравхона (ломбард)» шурӯъ менамоем.

Сухан ба муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Юсуф Маҷидӣ дода мешавад. Марҳамат.

**Юсуф МАҶИДӢ:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гаравхона (ломбард)» бо мақсади беҳтар кардани танзими давлатии фаъолияти гаравхонаҳо ва мутобиқ намудани меъёрҳои қонуни мазкур ба талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Таҷрибаи ҳуқуқэҷодкунии солҳои охир аз он шаҳодат медиҳад, ки бо мақсади пешбурд, танзим ва рушди соҳаи дахлдор дар қонунгузорӣ мушаххасан салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаҳо муқаррар мегарданд. Вале дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати батанзимдарории фаъолияти гаравхонаҳо ба таври мушаххас дар санади меъёрии ҳуқуқии соҳа мақомоти ваколатдор муайян нагардидааст. Бинобар ин, бо мақсади ба танзим даровардани фаъолияти гаравхонаҳо, фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди соҳа, татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи фаъолияти гаравхонаҳо, натиҷагирӣ аз таҷрибаи танзими фаъолияти гаравхонаҳо ва ғайра дар доираи лоиҳа пешниҳод мегардад, ки салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи танзими фаъолияти гаравхонаҳо ва ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар ин самт мушаххасан муқаррар карда шавад.

Ҳамзамон, бо мақсади мутобиқ намудани матни лоиҳаи қонун ба талаботи забони давлатӣ пешниҳод мегардад, ки аз қонуни амалкунанда калимаҳои «ломбард» пурра хориҷ карда шавад, зеро дар он мафҳум ва муқаррароти «гаравхона» омадааст.

Инчунин, ҷиҳати иҷрои талаботи моддаи 55 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» бо мақсади мутобиқ намудани муқаррароти Қонуни амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гаравхона (ломбард)» ба «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ» (аз 7-уми августи соли 2020) пешниҳод мегардад, ки дар матни лоиҳа калимаҳои «нархгузорӣ» ба калимаҳои «баҳодиҳӣ» иваз карда шаванд.

Аз шумо бо арзи эҳтиром хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Аз рӯи масъала сухан ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба иқтисод ва молия Сурайё Дӯстмуродзода дода мешавад. Марҳамат.

**Сурайё ДӮСТМУРОДЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гаравхона (ломбард)» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Таҳлили амалияи кишварҳои хориҷи дуру наздик нишон медиҳад, ки дар онҳо ҷиҳати батанзимдарории фаъолияти гаравхона (ломбард) мақомоти алоҳида таъсис ва ё фаъолият менамоянд. Вале дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба танзими фаъолияти гаравхонаҳо (ломбардҳо) ба таври мушаххас бо санади алоҳидаи соҳавӣ мақомоти дахлдори алоҳида муқаррар нагардидааст.

Дар лоиҳаи қонуни мазкур ба салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор намудани масъалаҳои татбиқи сиёсати давлатӣ ва муайян намудани мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи танзими фаъолияти гаравхонаҳо бо мониторинги минбаъда аз таҷрибаи танзими фаъолияти гаравхонаҳо (ломбардҳо) пешбинӣ гардидааст.

Инчунин, тибқи лоиҳаи пешниҳодгардида ба қонуни амалкунанда моддаҳои $3^1$ ва $3^2$ илова мешаванд.

Лоиҳаи қонуни зикргардидаро кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон ҷонибдорӣ карда, ҳамчунин, 20 таклиф пешниҳод намуданд, ки аз онҳо 5-тоаш қабул, 9-тоаш қисман қабул ва 6-тоаш қабул нагардид.

Таклифҳои қабулгардида дар мувофиқа бо субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба лоиҳаи қонун ворид карда шуданд.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад.

Хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гаравхона (ломбард)» ба овоз монда шуда, қабул шуд.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гаравхона (ломбард)» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар хусуси Созишномаи грантӣ (амалиёти махсус) байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки осиёии рушд оид ба лоиҳаи «Обтаъминкунӣ ва санитарияи шаҳри Душанбе - маблағгузории иловагӣ» шурӯъ менамоем.

Сухан ба муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Юсуф Маҷидӣ дода мешавад. Марҳамат.

**Юсуф МАҶИДӢ:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо лоиҳаи Созишномаи грантӣ (амалиёти махсус) байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки осиёии рушд оид ба лоиҳаи «Обтаъминкунӣ ва санитарияи шаҳри Душанбе - маблағгузории иловагӣ» пешниҳод шудааст.

Созишномаи мазкур 18-уми октябри соли 2022 дар шаҳри Душанбе байни Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки осиёии рушд дар ҳаҷми 42,6 млн. доллари амрикоӣ ба имзо расид, ки аз он маблағҳои грантӣ 38 млн. доллари амрикоӣ ва саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 4,6 млн. доллари амрикоиро ташкил медиҳад.

Ҳадафи он беҳтар намудани дастрасӣ ба хизматрасониҳои устувории обтаъминкунӣ ва санитария дар шаҳри Душанбе ва барқарору аз нав сохтани системаи ташнобии асосии шаҳр ва ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе мебошад.

Татбиқи лоиҳаи мазкур барои барқарорсозии чоҳҳо, истгоҳҳои насосӣ, насби ҳисобкунакҳои об ва ба кор андохтани системаи назорати диспетчерӣ ва ҷамъоварии маълумот, барқарорсозии қубурҳои магистралӣ, инчунин истгоҳҳои насосии навбати сеюм ва барқарорсозии шабакаи тақсимот дар минтақаҳои интихобшудаи марказҳои ноҳиявии ченкунии харҷи об равона шудааст.

Дар баробари ин, дар доираи лоиҳа, бо мақсади баланд бардоштани иқтидори занон барои такмили малакаҳои техникӣ ва зиндагӣ, тавонмандсозии занон аз ҷиҳати иқтисодӣ тавассути кумак ба онҳо дар оғоз намудани тиҷорат ва ба пайдо кардани кор, дастгирии занони гирифтори зӯроварӣ дар оила бунёди Маркази рушди занон ба нақша гирифта шудааст.

Татбиқи он охири соли 2022 оғоз гардида, анҷоми он дар соли 2028 ба нақша гирифта шудааст.

Аз шумо бо арзи эҳтиром хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:-** Аз рӯи масъала сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба иқтисод ва молия Мунаввар Абдусаломзода дода мешавад. Марҳамат.

**Мунаввар АБДУСАЛОМЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Созишномаи грантӣ (амалиёти махсус) байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки осиёии рушд оид ба лоиҳаи «Обтаъминкунӣ ва санитарияи шаҳри Душанбе - маблағгузории иловагӣ» 18 -уми октябри соли 2022 дар шаҳри Душанбе ба имзо расида, аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Ҳадафи лоиҳаи мазкур беҳтар намудани дастрасии фарогир ва устувор ба хизматрасониҳои бехатар ва устувории обтаъминкунӣ ва санитария дар шаҳри Душанбе мебошад.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон созишномаи мазкурро мавриди баррасӣ қарор дода, бо пешниҳоди хулосаҳо онро ҷонибдорӣ намуданд.

Созишномаи мазкур дар кумита бо тартиби муқарраргардидаи Дастури Маҷлиси намояндагон баррасӣ гардида, расмиёти дохилиро гузашта, ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мувофиқ буда, ба талаботи санадҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ мебошад.

Хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Боз кӣ дар ин хусус сухан кардан мехоҳад? Марҳамат.

**Зоир РАҲМОНЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ҳадафи лоиҳаи мазкур, беҳтар намудани дастрасӣ ва таъмини сокинони шаҳри Душанбе ба об буда, он хизматрасониҳои бехатари обтаъминкунӣ ва санитария дар шаҳри Душанбе, инчунин барқарор кардани коллекторҳои канализатсионии асосии пойтахти мамлакатро дар бар мегирад.

Ҳамчунин, зичии аҳолӣ, махсусан дар пойтахти кишварамон зиёд мушоҳида мегардад, ки албатта, бо оби босифат ва саривақтӣ таъмин намудани онҳо дар асоси дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон яке аз ҳадафҳои муҳиму саривақтӣ мебошад.

Хизматҳо ва талошҳои зиёди Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар самти корҳои ободониву созандагӣ низ барҷало мушоҳида гардида, ҳамарӯза мо шоҳиди азнавсозиҳо дар ҳама соҳаҳо, аз ҷумла сохтмону коммуникатсия гардида истодаем.

Бо арзи эҳтиром хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси Созишномаи грантӣ (амалиёти махсус) байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки осиёии рушд оид ба лоиҳаи «Обтаъминкунӣ ва санитарияи шаҳри Душанбе - маблағгузории иловагӣ» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар хусуси Созишнома оид ба маблағгузорӣ (Барномаи дастгирии энергетикаи устувор дар Тоҷикистон) байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо» шурӯъ менамоем.

Сухан ба вазири энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон Далер Ҷумъа дода мешавад. Марҳамат.

**Далер ҶУМЪА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Яке аз самтҳои муҳимтарини сиёсати пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рушди соҳаи энергетика, ҳамчун пешбарандаи иқтисодиёти миллӣ ба шумор рафта, он ба сифати соҳаи афзалиятноки рушди устувор ва яке аз ҳадафҳои стратегии Ҳукумати кишвар муайян карда шудааст.



Маҳз бо роҳбарӣ ва тадбирҳои ҳадафноки Пешвои миллат солҳои соҳибистиқлолӣ кӯшишҳо баҳри пурра ба эътидол овардани низоми энергетикии кишвар роҳандозӣ карда шуда истодаанд ва ин мароми созанда минбаъд низ идома хоҳад ёфт.

Мақсади асосии татбиқи «Барномаи дастгирии энергетикаи устувор дар Тоҷикистон» такмили низоми идоракунӣ дар ширкатҳои энергетикӣ, ҷорӣ намудани низомҳои муосири ҳисоботи молиявӣ ва умуман идоракунии корпоративӣ дар ин ширкатҳо ба ҳисоб меравад.

Дар доираи барнома барои ҳадафҳои зикргардида ба Вазорати энергетика ва захираҳои об ва ширкатҳои энергетикӣ пешниҳод намудани кумакҳои техникию машваратӣ, бо мақсади мусоидат дар ташкили бозори шаффоф ва одилонаи неруи барқ пешбинӣ гардидааст.

Ин дар навбати худ ба бунёди робитаи мутақобилаи қавии об, энергетика ва озуқаворӣ дар Тоҷикистон тавассути барқарор намудани ҳамкории мутақобилаи муассир ва беҳтар намудани ҳамоҳангии байни тарафҳои манфиатдор дар бахшҳои энергетика ва об мусоидат хоҳад кард. Оғози амалисозии лоиҳа соли 2023 ва анҷоми он соли 2026 муайян карда шуда, маблағ барои амалисозии он 15 млн. евро ва сарчашмаи маблағгузориаш Иттиҳоди Аврупо буда, он пурра грант мебошад.

Қисматҳои лоиҳа ин аз сармоягузории асосӣ барои хариди таҷҳизот, таъминоти барномавии таъинотащон гуногун (барномаҳои муҳосибӣ ва гардиши электронии ҳуҷҷатгузорӣ дар ширкатҳои энергетикӣ, васеъсозии низоми SCADA) ва машваратӣ доир ба баланд бардоштани иқтидори техникию тахассусӣ дар соҳаи энергетика ва ҳамчунин, чорабиниҳои зарурӣ оид ба идомаи ислоҳоти соҳа, хизматрасониҳои машваратӣ, кумаки техникӣ барои дастгирии лоиҳа ва хароҷоти мушовирон (омодасозии лоиҳаҳои ҳамгироёна (алоқамандии энергия - об ва озуқаворӣ) ва инчунин кумак дар омодасозии асосноккунии техникӣ - иқтисодӣ ва ҳисобот оид ба арзёбии экологию иҷтимоии лоиҳаи «Сохтмони неругоҳҳои барқи обӣ дар ҳавзаи дарёи Зарафшон» ба шумор меравад.

Бо татбиқ гардидани Нақшаи инфиродии таҷдиди сохтори идоракунии ШСХК «Барқи Тоҷик», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми августи соли 2011 таҳти №431 тасдиқ гардида буд, ҷамъиятҳои саҳомии «Шабакаҳои интиқоли барқ» ва «Шабакаҳои тақсимоти барқ» ва ШСХК «Барқи Тоҷик» фаъолияти мустақилонаро оғоз намуданд. Бо оғоз гардидани фаъолияти мустақилонаи ширкатҳо (ҷамъиятҳо) агар шаффофият дар фаъолияти техникии онҳо таъмин шуда бошад, ҳамоно як қатор омилҳо ба фаъолияти устувори онҳо таъсири манфӣ расонида истодааст. Аз ҷумла, дар сатҳи муносиб мавҷуд набудани таҷҳизот ва барномаҳои муосир барои идоракунии равандҳои молиявӣ ва техникӣ, дар сатҳи зарурӣ қарор надоштани кордонӣ ва тахассусмандии кормандон (дар самти истифодабарии таҷҳизот ва таъминоти барномавии зикршуда), мавҷуд набудани санадҳо ва дастурамалҳои соҳавӣ, таҷҳизот ва низомҳое, ки барои таъсиси бозори шаффоф ва рақобатпазир зарур буда, дигар омилҳо ва равандҳои муосир, ки тақозои замон мебошанд, ба татбиқи барнома асос меёбад.

Бо татбиқ гардидани барнома умед аст, ки иқтидори техникии ширкатҳои энергетикӣ баланд ва сатҳи тахассусии кормандони ин ниҳодҳо дар самти истифодабарии дуруст ва самараноки таҷҳизот ва барномаҳои муосири дар доираи барнома харидоришаванда устувор карда шавад.

Аз шумо бо арзи эҳтиром хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Аз рӯи масъала сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия Музаффар Маҳмудзода дода мешавад. Марҳамат.

**Музаффар МАҲМУДЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Созишнома оид ба маблағгузорӣ (Барномаи дастгирии энергетикаи устувор дар Тоҷикистон) байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо 31-уми августи соли 2022 дар шаҳри Душанбе ба имзо расида, аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олин Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Он бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагон аз 28-уми ноябри соли 2022 ба Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия барои баррасӣ супорида шуда, мувофиқи созишнома аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо ба соҳаи энергетикаи кишвар ба сифати грант 15 млн. евро пешниҳод мешавад.



Татбиқи созишномаи зикргардида дар доираи «Барномаи бисёрсолаи фарогири Иттиҳоди Аврупо - Тоҷикистон барои солҳои 2021-2027» пешбинӣ гардида, барои амалишавии ҳадафҳои зерин, аз ҷумла мусоидат дар татбиқи «иқтисоди сабз», рақамикунонӣ, «идоракунии захираҳои табиӣ, самаранокӣ ва устуворӣ», манбаъҳои барқароршавандаи энергия, баланд бардоштани самаранокии энергия, таъминоти барқ равона гардидааст. Ҳамчунин, барномаи мазкур ба Вазорати энергетика ва захираҳои об тавассути пешниҳод намудани машваратҳои экспертӣ ва омӯзиш дар ташкили бозори шаффоф ва одилонаи неруи барқ мусоидат хоҳад кард.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон созишномаи пешниҳодшударо ҷонибдорӣ намуданд.

Созишномаи мазкур ба моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон», дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мутобиқ мебошад.

Хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси Созишнома оид ба маблағгузорӣ (Барномаи дастгирии энергетикаи устувор дар Тоҷикистон) байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Вакилони муҳтарам, ҳозирини гиромӣ!**

Масъалаҳое, ки ба рӯзномаи ҷаласа ворид гардида буданд, баррасӣ шуданд.

Ба шумо, вакилони муҳтарам ва ҳозирини гиромӣ, барои фаъол буданатон миннатдорӣ намуда, ҷаласаро пӯшида эълон менамоям.

**Хӯҷаназари АМИНИЁН,**
**Сайфиддин СУННАТӢ,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

